**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ. – Душанбе, 2025. – 384 с.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ, ки ба таҳқиқи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудааст, дорои аҳаммияти ҳам илмӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Дар давраи истиқлоли давлатҳо мақоми сарвари давлат ҳамчун нерӯи марказӣ дар раванди тамоюл ва таҳаввулоти сиёсӣ қарор дошта, дар бархе аз кишварҳо асоси ислоҳоти ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ гардонида шудааст. Дар солҳои охир низ бисёр давлатҳои минтақа ислоҳоти конститутсионӣ ба роҳ монда, сохтори ҳокимияти давлатӣ ва тақсимоти ваколатҳоро тағйир додаанд. Ин раванд саволҳои муҳимро дар бораи нақши Президент дар низоми сиёсӣ ба миён меорад, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, шаффофияти фаъолияти ҳокимият ва дигар ҷанбаҳои асосии фаъолияти ин ниҳод.

Бо дарназардошти гуногунҷанбагии мавзуъ ва амалӣ будани таҳқиқ, таваҷҷуҳ асосӣ ба омӯзиши муносибати Президент бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ равона шудааст. Хусусияти аслӣ

дар ин таҳқиқ фарогирии масъалаҳои таъйин ва баргузории интихоботи Президент, муқаррар намудани доира ва мазмуни ваколатҳои қонунгузории ӯ, ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва фаъолиятҳои меъёрсозии Президент мебошад. Ҳамзамон, аҳаммияти амалӣ ба масъалаҳои муносибати Президент бо Ҳукумат, иштироки ӯ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва таносуби салоҳиятҳои Президент ва Ҳукумат ҳамчун мақоми иҷроия равона шудааст, ки ин омилҳо самаранокии идоракунии давлат ва устувории низоми сиёсии кишварҳоро муайян мекунанд.

Таҳқиқи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам вижаҳои моделҳои миллии идоракунӣ муайян гардида, мутобиқати онҳо бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва меъёрҳои демократиро арзёбӣ намуд. Илова бар ин, таҳқиқ роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии мақоми Президентро пешниҳод мекунад, ки ба таҳкими низоми конститутсионӣ ва ҳамоҳангии шохаҳои ҳокимият мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, мавзуи таҳқиқ на танҳо барои ҳуқуқшиносии минтақавӣ аҳамияти бузург дорад, балки барои рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ низ муҳим аст. Ин таҳқиқ механизми фаъолияти ҳокимиятро дар давлатҳои пасошуравӣ фаҳмонида, роҳҳои муътадилии идоракунӣ ва воситаҳои беҳтар намудани модели идоракунии давлатро таҳлил менамояд. Аз ин лиҳоз, мавзӯи диссертатсия ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ арзиши баланд дошта, ба пешрафти илм ва таҷрибаи ҳокимияти давлатӣ дар минтақа мусоидат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия вав нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои дараҷаи баланди навгонӣ буда, як қатор ҷанбаҳои назариявӣ ва амалиеро фаро мегиранд, ки барои рушди илм ва таҳлили таҷрибаи ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои

Осиёи Марказӣ аҳамияти назаррас доранд. Аввалан, барои аввалин бор хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Президент ва мавқеи ӯ дар низоми ҳокимияти давлатҳои минтақа таҳлил гардида, ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам вижаҳои моделҳои миллии идоракуниро муайян менамояд. Дуввум, равандҳои тағйири сохтори ҳокимияти давлатӣ ва тақсимоти ваколатҳо таҳлил шуда, нишон дода мешавад, ки чӣ гуна ислоҳоти конститутсионӣ ба ҳамоҳангӣ ва устувории низоми сиёсӣ таъсир мерасонанд. Севвум, механизми муносибати Президент бо дигар шохаҳои ҳокимият, аз ҷумла Ҳукумат ва мақомоти қонунгузор, омӯзиш шуда, саволҳо дар бораи таносуби салоҳиятҳо, нақши Президент дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва таъсир ба меъёрсозии давлатӣ ҷавоб дода шудаанд.

Ҳамзамон, мутобиқати моделҳои идоракунии сарвари давлат бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва меъёрҳои демократӣ таҳлил гардида, роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии мақоми Президент пешниҳод мешаванд. Ин таҳқиқ на танҳо хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии фаъолияти сарвари давлатро фароҳам меорад, балки имкони таҳияи тавсияҳои амалӣ барои беҳтар намудани модели идоракунӣ дар кишварҳои минтақа ва давлатҳои пасошуравиро низ фароҳам меорад.

Аз ҷиҳати илмӣ, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, иборатанд аз: муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Президент, таҳлили механизмҳои ҳамоҳангӣ ва ҳамкории ӯ бо Ҳукумат ва дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, арзёбии таъсири ислоҳоти конститутсионӣ ба тақсимоти ваколатҳо ва устувории низоми сиёсӣ, ҳамчунин таҳлили мутобиқати моделҳои идоракунӣ бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва меъёрҳои демократӣ. Тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми ҳуқуқӣ ва модели идоракунӣ дар давлатҳои минтақа аз натиҷаҳои таҳқиқ бармеоянд.

Ин натиҷаҳо ва нуктаҳои илмӣ боиси он мегарданд, ки диссертатсия ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ арзиши баланд дошта, ба

таҳкими низоми ҳокимият ва рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

**4. Асоснокӣ ва ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Хулосаю тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия бо истифода аз асосҳои назариявӣ ва таҳлилҳои эмпирикӣ пурра асоснок гардида, бо меъёрҳои илмӣ ва стандартҳои ҳуқуқшиносии муосир мувофиқ мебошанд. Асоснокии онҳо пеш аз ҳама ба таҳлили васеи манбаъҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии байналмилалӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ дар кишварҳои минтақа ва таҳқиқоти илмии пешинаи мутахассисони дохил ва хориҷ вобаста аст.

Эътимоднокии хулосаю тавсияҳо инчунин ба истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот, аз ҷумла муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, меъёрсозӣ ва арзёбии ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Ин равишҳо имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳқиқ воқеӣ ва боэътимод бошанд ва тавсияҳо ба амалияи ҳуқуқӣ ва идоракунӣ татбиқшаванда гарданд.

Ҳамчунин, тавсияҳои амалӣ дар диссертатсия ба равандҳои ҳуқуқсозӣ, ҳамоҳангии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва такмили модели идоракунӣ равона шудаанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳо аз таҷриба ва таҳлили ҳолатҳои мушаххас бармеоянд ва барои баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва мутобиқат бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд асосноканд.

Дар маҷмуъ, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои диссертатсия ба дараҷаи зарурӣ баланд буда, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ қобили татбиқ мебошанд. Ин омилҳо арзиши илмии таҳқиқ ва қобилияти истифодаи натиҷаҳо дар амалияи ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатро таъмин менамоянд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи нашрияҳои муаллиф иборат буда, ҳаҷмаш 384 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври возеҳ муайян гардидаанд.

Боби якум **«Заминаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи ниҳоди сарвари давлат»** ба таҳлили назариявӣ ва таърихии пайдоиш ва инкишофи ниҳоди сарвари давлат равона шудааст. Дар ин боб мафҳум, навъҳо ва хусусиятҳои ин институт муайян гардида, марҳилаҳои ташаккули таърихӣ ва ҳуқуқии он дар давлатдории хориҷӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил шудаанд. Навгониҳои илмӣ дар ин бахш аз он иборатанд, ки барои аввалин бор тамоюлҳои муосири рушди ниҳоди сарвари давлат дар кишварҳои минтақа бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои системавӣ омӯзиш шудаанд. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки саҳми сарвари давлат дар устувории низоми сиёсӣ ва тақсимоти ваколатҳо бо назардошти принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва меъёрҳои демократӣ арзёбӣ гардад.

Дар боби аввал муаллиф дар натиҷаи таҳлилҳо хулоса менамояд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ як қатор хусусиятҳое, ки ба ниҳоди сарвари давлат хос аст, ҷудо карда мешаванд:

Якум, сарвари давлат қисми таркибии роҳҳалҳои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад. Механизмҳои давлатӣ низоми мақомоти давлатӣ мебошад, ки барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, функсия ва вазифаҳои давлат равона карда шудааст. Дар ин механизмҳо сарвари давлат мавқеи марказиро ишғол менамояд.

Дувум, сарвари давлат – шахси мансабдор (мақоми давлатӣ) аст, ки одатан дар зинаи низоми мақомоти давлатӣ мақоми баландтаринро ишғол мекунад, яъне дар иерархияи мақомоти давлатӣ ба сарвари давлат расман ҳамеша ҷойи аввал тааллуқ дорад, гарчанде ки аз рӯйи салоҳият ва аҳаммияти воқеии худ ин ҷой метавонад танҳо расмӣ боқӣ монад. Сарвари

давлат доим дар иерархияи мақомоти давлатӣ дар зинаи аввал қарор дорад. Аммо, бо чунин мавқеъ, ӯ ҳатман ба масъалаҳои идоракунии корҳои давлат, яъне идоракунии бевосита машғул нест. Ниҳоди мазкур дар зинаи болои низоми мақомоти давлатӣ қарор дошта бештар мақоми назоративу контролиро иҷро менамояд.

Сеюм, давлатро дар сиёсати дохилӣ ва муносибатҳои хориҷӣ намояндагӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки сарвари давлат ҳуқуқ дорад, ки ин самтҳои фаъолияти давлатро, ки дар якҷоягӣ бо дигар шохаҳои ҳокимият амалӣ карда мешаванд, таҳия кунад.

Чаҳорум, нисбат ба дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои муайян дорад. Яъне вазъи ҳуқуқии сарвари давлат, ҳамчунин вобаста ба муносибатҳои 36 миёни ин ниҳод бо мардум, парлумон, ҳокимияти иҷроия ва низоми мақомоти судӣ муайян намудан имконпазир аст.

Панҷум, рамзи ягонагии миллат, давлат (халқ ва давлат) мебошад. Сарвари давлат одатан ваҳдати миллӣ, мураттабии ҳокимияти давлатиро таҷассум менамояд, ки дар ваколати гуногуни он таҷассум меёбад.

Дар боби дуввум **«Хусусияти умумии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат»** мафҳум, унсурҳо ва ҷойгоҳи сарвари давлат дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои минтақа таҳлил карда шудаанд. Навгониҳои ин бахш ба он вобастаанд, ки барои аввалин бор омилҳои таъсиррасон ба ҳамоҳангӣ ва эътимоднокии фаъолияти сарвари давлат таҳлил гардида, нақши ӯ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамоҳангӣ бо шохаҳои дигар ва таҳкими низоми конститутсионӣ бо истифода аз усулҳои қиёсӣ-ҳуқуқӣ арзёбӣ шудааст. Ин таҳлил барои рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ дар кишварҳои пасошуравӣ ва таҳияи модели миллии идоракунӣ аҳамияти назаррас дорад.

Дар ин боби рисола муаллиф вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлатро ҳамчун маҷмуи унсурҳое, ки тавассути меёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам гардида, фаъолияти сарвари давлатро аз ҳама ҷанбаҳои имконпазир тавсиф мекунанд, тавсиф додааст.

Ба андешаи рисоланавис, унсурҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат (Президент) дар кишварҳои Осиёи Марказӣ доираи фаъолияти онҳоро муайянкунанда буда, мавқеи онҳо дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, муаллиф чунин мешуморад, ки унсурҳои мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии Президент инҳоянд: меъёрҳои ҳуқуқие, ки вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии Президентро мустаҳкам мекунанд; функсияҳои Президент салоҳият ва ваколати Президент; кафолат, дахлнопазирӣ ва масъулияти конститутсионии Президент.

Боби сеюм **«Тартиби баргузории интихоботи сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»** ба таҳлили масъалаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ дар доираи интихоботи сарвари давлат бахшида шудааст. Асосҳои конститутсионии интихобот, мақоми номзадҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо, тартиби ташкиливу ҳуқуқии баргузории интихобот ва омилҳои таъсиррасон ба шаффофият ва адолати раванди интихобот таҳлил гардидаанд. Навгониҳои илмӣ дар ин бахш дар он аст, ки барои аввалин бор таъсири интихобот ба устувории низоми сиёсӣ ва мутобиқати он бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ бо истифода аз таҷрибаи муқоисавӣ ва таҳлили эмпирикӣ арзёбӣ шудааст.

Ба ишораи муаллиф, дар раванди ваколатдории халқ ба ҳокимият, интихоботи сарвари давлат, ки яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсӣ дар ҳаёти давлат мебошад, ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Ин махсусан ба давлатҳое дахл дорад, ки шакли президентии идоракунӣ доранд, ки ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказиро дар бар мегиранд.

Дар идома рисоланавис зикр менамояд, ки сарфи назар аз тамоюлҳои гуногун ба танзими ҳуқуқии раванди интихобот, аз ҷумла интихоботи Сарвари давлат, қонунгузории интихоботии кишварҳои Осиёи Марказӣ меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки тартиби омодагӣ ва баргузории интихоботи дахлдорро аз марҳилаи таъйини санаи интихобот то танзими

тартиби шикоятии ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ва ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунии қонунгузории интихоботро танзим менамояд.

Тартиби баргузории интихоботи сарвари давлат дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла дар кишварҳои Осиёи Марказӣ як раванди хеле мураккаб буда, як қатор марҳилаҳо ва унсурҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад. Дар асоси омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ муаллиф марҳилаҳо ва унсурҳои сохтории зеринро муайян кардааст:

1) муқаррароти асосие, ки тартиби интихоботи Президентро муайян мекунанд (принсипҳои қонуни интихобот ва низоми интихобот);

2) ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ғайрифаъол дар интихоботи Президент;

3) давраи баргузории интихоботи президентӣ;

4) ҳуқуқи пешбарии номзадҳо ба мансаби Президент;

5) кафолатҳо ба фаъолияти номзадҳо ба мансаби президентӣ;

Боби чорум **«Мафҳум ва хусусиятҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии функсия ва ваколати сарвари давлат»** аҳамияти назариявӣ дорад ва функсияҳо ва ваколатҳои асосии сарвари давлатро таҳлил менамояд. Бо истифода аз усули қиёсӣ-ҳуқуқӣ таҳлил карда шудааст, ки чӣ гуна функсияҳо ва ваколатҳо дар кишварҳои минтақа ва таҷрибаи байналмилалӣ ташаккул ёфтаанд. Навгониҳои илмӣ дар ин бахш ба он вобастаанд, ки барои аввалин бор функсия ва ваколати сарвари давлат дар сатҳи муқоисавӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои фарққунандаи моделҳои идоракунӣ ва самаранокии онҳо бо назардошти принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ошкор шудаанд. Ин таҳлил саҳми назариявиро дар рушди ҳуқуқи конститутсионӣ ва таҳлили моделҳои миллии идоракунӣ тақвият медиҳад.

Ба андешаи рисоланавис, функсияҳои Президент, ки дар конститутсияҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ муқаррар шудаанд, доираи васеи фаъолияти ӯро муайян мекунанд ва салоҳияти ӯро, ки тавассути ваколатҳои сарвари давлат амалӣ карда мешавад, ташаккул медиҳанд.

Масъалаи дигари матраҳгардида дар ин бобо ваколатҳои президент мебошад. Муаллиф ишора менамояд, ки таъмини ҳуқуқӣ ва татбиқи ваколатҳои Президент аз омилҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ вобаста аст, ки дар давлат дар марҳилаи муайян ташаккул меёбанд.

Ҳаҷми ваколатҳои Президент аз вазифаҳое вобаста аст, ки дар доираи салоҳияти ӯ ба ӯ вогузор шудаанд. Ваколатҳои президентҳои давлатҳои Осиёи Марказиро вобаста ба соҳаи фаъолият, вобаста ба шакли татбиқи салоҳият, вобаста ба танзими ҳуқуқӣ, вобаста ба шароити татбиқ ва тартиби татбиқи ваколатҳо аз рӯйи асосҳои зерин тасниф кардан мумкин аст.

Боби панҷум **«Табиати ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва мақоми санадҳои сарвари давлат дар низоми қонунгузории кишварҳои Осиёи Марказӣ»** ба омӯзиши санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, аз ҷумла паёмҳо, фармонҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо равона шудааст. Табиати ҳуқуқии ин санадҳо, мақоми иштирокии сарвари давлат дар раванди қонунгузорӣ ва таъсири санадҳои ӯ ба низоми ҳуқуқии кишварҳои минтақа таҳлил гардидаанд.

Навгониҳои илмӣ дар ин бахш иборатанд аз он, ки барои аввалин бор таъсири санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ба раванди қонунгузорӣ ва ҳамоҳангии шохаҳои ҳокимият бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва системавӣ омӯзиш шудааст. Ин таҳқиқ саҳми назариявӣ ва амалӣ дар рушди ҳуқуқи конститутсионӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили модели идоракунӣ фароҳам меорад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқ ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Хулоса аз 22 банд иборат буда, ҳар як банд натиҷаи мустақими таҳқиқро инъикос намуда, саҳми назариявӣ ва амалӣ дар рушди ҳуқуқи конститутсионӣ ва таҳлили фаъолияти сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказиро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, сохтори диссертатсия мантиқӣ, муназзам ва мувофиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ мебошад. Ин нишон медиҳад, ки

кори илмӣ дар сатҳи баланд иҷро гардида, ҳамаи вазифаҳои гузошташуда пурра ва бо диққати комил иҷро шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ ба рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, таҳлили моделҳои миллии идоракунӣ ва такмили амалияи ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои минтақа саҳми назаррас доранд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ арзиши илмӣ ва практикӣ дошта, имкони татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда дар низоми қонунгузорӣ ва идоракунии давлатро фароҳам меорад.

6. **Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзӯи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ оид ба ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дорои аҳамияти васеъ ва бисёрҷанба мебошад.

Таҳқиқ барои рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва мукаммалгардонии моделҳои идоракунии сарвари давлат саҳми назаррас дорад. Навгониҳои илмӣ дар он аст, ки барои аввалин бор вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо истифодаи усулҳои муқоисавӣ, системавӣ ва қиёсӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои умумӣ ва вижаи моделҳои миллии идоракунӣ ошкор шудаанд. Ин таҳқиқ дар рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳонӣ аҳамияти назаррас дорад.

Натиҷаҳои диссертатсия ба такмили амалияи қонунгузорӣ, беҳтар намудани ҳамоҳангии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва таҳкими модели идоракунии сарвари давлат дар кишварҳои минтақа мусоидат мекунанд. Тавсияҳои амалӣ барои ислоҳоти конститутсионӣ, беҳтар намудани

тартиби баргузории интихобот ва таҳкими самаранокии ваколатҳои сарвари давлат пешниҳод шудаанд.

Таҳлил ва пешниҳодҳои диссертатсия имкон медиҳанд, ки низоми идоракунии давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ самаранокии беҳтар пайдо намояд, ки ба рушди иқтисодӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои давлатӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Самаранокии фаъолияти сарвари давлат ва ҳамоҳангии ваколатҳо бо Ҳукумат ва дигар шохаҳои ҳокимият барои пешрафти иқтисодӣ ва рушди устувори кишвар аҳамияти бевосита дорад.

Таҳқиқ дарки аҳамияти нақши сарвари давлат барои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, таҳкими шаффофият ва эътимоди ҷомеа ба институтҳои давлатӣ ва ҳамзамон ба рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва демократӣ дар кишварҳои минтақа мусоидат менамояд. Ҷавоб ба саволҳои муҳим оид ба нақши Президент дар раванди ҳуқуқсозӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон имкони таҳкими низоми давлатдории ҳуқуқбунёд ва ҷалби аҳолӣ ба идоракунии самаранокро фароҳам меорад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф зиёда аз 48 маводи илмиро ба табъ расонидааст, ки аз ин миён 3 монография ва зиёда аз 45 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ нашршуда мебошанд

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутбиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ мувофиқ буда, аз ҷиҳати сохторӣ, мазмунӣ ва усулӣ ба меъёрҳои расмии иҷрои кори илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Сохтор ва мухтавои диссертатсия мантиқӣ, муназзам ва муттасил буда, ҳамаи бахшҳо – аз муқаддима ва бобҳои таҳқиқ то хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ – бо пайвандҳои мантиии илмӣ ва таҳлилии пурра тартиб ёфтаанд.

Аз ҷиҳати расмиётӣ, диссертатсия дорои ҳамаи унсурҳои зарурӣ мебошад: сарлавҳаҳои расмӣ, рӯйхати адабиёт, изоҳҳо, ҷадвалҳо, графикҳо ва дигар маводҳои илмию таҳлилӣ, ки ба дастгирии натиҷаҳои таҳқиқ равона шудаанд. Ҳар як боб ва банд ба таври равшан ва систематикӣ ба масъалаҳои илмӣ ва амалӣ ҷавоб медиҳад, ки ин нишондиҳандаи сатҳи баланди иҷрои кори илмӣ ва эътибори эътимоднокии натиҷаҳо мебошад.

Ҳамин тавр, мутобиқати диссертатсия ба талаботи Комиссия на танҳо далели иҷрои пурраи вазифаҳои гузошташуда аст, балки арзиши илмию амалӣ ва қобилияти татбиқи натиҷаҳои таҳқиқро низ таъмин менамояд. Ин омилҳо барои ҳимоя ва қабул гардидани диссертатсия ҳамчун кори илмии баландсатҳи докторӣ заминаи устувор фароҳам меоранд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаби имлӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар қисмати марбут ба таҳлили мақоми сарвари давлат аз дидгоҳи муайян намудани ӯ ҳамчун мақоми давлатӣ ё шахси мансабдори давлатӣ, муаллиф андешаҳои муфиди назариявиро пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили пешниҳодгардида то андозае хусусияти умумӣ дошта, баррасии муфассали меъёрҳои ҳуқуқии кишварҳои мушаххаси минтақа (монанди Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон) нокифоя мебошад.

Муаллиф ба таври дуруст ба вобастагии нақши сарвари давлат аз низоми ҳокимияти давлатӣ (монархия, ҷумҳурии парлумонӣ, президентӣ ва омехта) ишора мекунад, вале таҳлили амалии мақоми ӯ тибқи

мукаррароти конститутсионӣ ва қонунгузории амалкунанда аз кишвар ба кишвар ба таври возеҳ таҷзия нашудааст. Ҳамчунин, тафовути назариявӣ ва ҳуқуқии ду мафҳум – “мақоми давлатӣ” ва “шахси мансабдори давлатӣ” бояд равшантар муайян карда мешуд, зеро ин фарқият барои дуруст дарк кардани асоси ҳуқуқии ваколатҳои сарвари давлат аҳамияти калидӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки дар такмили матн ба мукаррароти мушаххаси конститутсияҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин таҳлили ҳуқуқии муқоисавии институтсионалӣ такя карда шавад ва ҳудуди ваколатҳои амалии сарвари давлат бо мисолҳои воқеӣ равшан гардад.

2. Дар қисмати марбут ба таҳлили моделҳои танзими ҳуқуқии мақоми Президент дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, муаллиф тавонистааст ду самти асосиро модели низомнок (системавӣ) ва модели фрагментарӣ (порчагашта) ба таври возеҳ ҷудо намояд, ки аз нуқтаи назари илмӣ арзишманд аст. Бо вуҷуди ин, таҳлили пешниҳодшуда то андозае хусусияти умумӣ дошта, дар он асоси назариявӣ ва ҳуқуқшиносии фарқгузории ин ду модел пурра асоснок нагардидааст.

Аз ҷумла, барои қувваи исботии илмӣ бештар, ишора ба меъёрҳои мушаххаси конститутсионӣ ва қонунгузорӣ дар ҳар яке аз кишварҳо (Қазоқистон, Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон) зарур аст. Илова бар ин, таҳлили муфассали таъсири ин моделҳо ба тавозуни шохаҳои ҳокимият ва табиати ваколатҳои президентӣ нокифоя менамояд.

Дар баррасии масъалаи дахлнопазирии Президент, муаллиф дуруст ба аҳамияти он ҳамчун кафолати фаъолияти институтсионалӣ ишора мекунад, аммо ҷанбаҳои ҳуқуқии амалисозии ин кафолат ва тартиби барканории сарвари давлат дар кишварҳои мухталиф ба таври муқоисавӣ инъикос наёфтааст. Ҳамчунин, фасли мазкур метавонад бо таҳлили интиқодӣ ва ҷанбаҳои таърихии ташаккули ниҳоди президентӣ дар минтақа ғанитар гардад.

Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад:

а) асосҳои ҳуқуқии фарқияти байни ду модели зикршуда бо истинод ба моддаҳои мушаххаси конститутсияҳо пурратар нишон дода шаванд;

б) робитаи байни ҳаҷми ваколатҳои президентӣ ва сохтори умумии ҳокимияти давлатӣ равшантар инъикос гардад;

в) таҳлили институтсияи дахлнопазирӣ бо нишон додани марҳилаҳои татбиқи он ва механизми ҷавобгарии конститутсионӣ пурра карда шавад.

3. Муаллиф дар фасли мазкур мавзуи муҳим ва камтаҳқиқшудаи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ва нақши онҳо дар татбиқи функсияҳои конститутсиониро матраҳ намуда, кӯшиши таҳлили шаклҳои онҳо (фармонҳо, амрҳо, қарорҳо) ва васоити таъсиргузории Президент ба қонунгузориро баён кардааст. Бо вуҷуди ин, як қатор нуктаҳо боқӣ мемонанд, ки ниёз ба амиқсозӣ ва дақиқгардонӣ доранд.

Муаллиф мавзуи муҳимми нақши санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатро дар татбиқи ваколатҳои конститутсионӣ ба таври васеъ матраҳ намудааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили шаклҳои ҳуқуқии санадҳо (фармон, амр, қарор) хислати умумӣ дошта, баррасии онҳо дар заминаи меъёрҳои мушаххаси кишварҳои Осиёи Марказӣ нокифоя мебошад. Падидаи қонунгузории вогузоршуда дар Туркманистон ва механизми контрасигнатура низ бе таҳлили амиқи ҳуқуқии муқоисавӣ шарҳ ёфтаанд. Ҳамчунин, таъсири салоҳиятҳои президентӣ ба тавозуни шохаҳои ҳокимият ва волоияти ҳуқуқ бояд бо назари интиқодӣ нишон дода мешуд. Тавсия мешавад таҳлили ҳуқуқии муфассал бо такя ба конститутсияҳои онҳо пурра гардад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои

Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ: дотсенти кафедраи**
**назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ,**
**факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнем ва сиёсати Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ:** **Шокиров Ғ.А.**

**Суроға:** 735693, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, н. Бобоҷон Ғафуров, ҷамоати деҳоти Хиставарз, кӯчаи А. Нозиров, 110; тел.: 92-770-97-91; E-mail: shga1959@mail.ru

**Имзои Шокиров Ғ.А.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрхо ва**
**корҳои махсус, н.и.ҳ., дотсент** **Бобоев А.Х.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, мкр. 17, хонаи 1, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
Тел.:+992 (3422) 2-38-11; Факс: +992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www/tsulbp.tj. E-mail: tsulbp.@rambler.ru

10.11.2025